ФАРМОИШИ
ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз « 28 » августи соли 2017 № 2 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Дастурамали коргузорӣ
дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи
инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017 №358 «Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ф А Р М О И Ш  М Е Д И Ҳ А М:

1. Дастурамали коргузорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фаъолияти коргузории воҳидҳои сохтории мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи талаботи Дастурамали мазкур ба роҳ монда шавад.
3. Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ фармоиши мазкурро дар шакли китобча чоп карда ба кормандони Дастгоҳ дастрас намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Роҳбари Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вогузор карда шавад.

Ваколатдор оид
ба ҳуқуқи инсон З. Ализода

Бо фармоиши
Ваколатдор оид
ба ҳуқуқи инсон дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28 » августи соли 2017,
№ 2 тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ
# КОРГУЗОРӢ ДАР МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали коргузорӣ дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Дастурамал) қоидаҳои ба роҳ мондани коргузорӣ ва назоратро муқаррар карда, кор бо ҳуҷҷатҳоро аз лаҳзаи ворид ё таҳия шуданашон то вақти барои нигоҳдорӣ ба бойгонӣ супоридани онҳоро ба низом медарорад.

2. Тартиби кор бо ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ тибқи Дастурамал оид ба таъмини низоми махфият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

3. Коргузорӣ оид ба аризаҳо, дархостҳо, таклифҳо ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» амалӣ мегардад.

4. Назорати риояи талаботи Дастурамал ба зиммаи Бахши умумӣ ва хизмати давлатии Дастгоҳи марказӣ ва Намояндагиҳои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВҲИ) вогузор мешавад. Ҳамаи кормандони мақомоти ВҲИ бояд бо тартиби кор бо ҳуҷҷатҳо шинос карда шуда, уҳдадоранд, ки талаботи Дастурамалро риоя ва иҷро намоянд. Ҳангоми иваз гардидани корманди масъул, ҳуҷҷат ва дигар маводи коргузорӣ (муҳр, штамп ва ғайраҳо) бо санад супорида мешаванд.

5. Масъулият барои вазъ ва дуруст пеш бурдани коргузорӣ дар воҳидҳои сохтории мақомоти ВҲИ ба зиммаи роҳбарони онҳо гузошта мешавад.

6. Ҳангоми ба рухсатӣ ва ё сафари дарозмуддати хизматӣ рафтан, аз кор рафтан ва ё ба кори дигар гузаштан корманд вазифадор аст ҳамаи

асноди хизматиро ба шахсе, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯро иҷро менамояд, бо тартиб додани санад супорад.

7. Коргузорӣ дар мақомоти ВҲИ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода мешавад.

## II. ОМОДА ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

### §1. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунӣ

8. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунии мақомоти ВҲИ мувофиқи тартиби муқаррааргардида аз сабти иттилооти зарурӣ барои идоракунӣ, яъне аз ташкили кори ҳуҷҷатнигорӣ ба роҳ монда мешавад.

9. Маҷмӯи намудҳо ва гуногунии ҳуҷҷатҳо дар асоси таъиноти мақсаднокии ҳар як ҳуҷҷат муайян карда мешавад.

10. Тибқи тартиби мавҷуда дар мақомоти ВҲИ ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ (қарорҳо, фармонҳо, фармоишҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо, санадҳо, хулосаҳо, гузоришҳо, мактубҳо) ва ҳуҷҷатҳои ба ин гурӯҳ мансубнабуда, яъне хуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавӣ-тарҳсозӣ ва ғайра таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

11. Фаъолияти идоракунии мақомоти ВҲИ бо роҳи қабули ҳуҷҷатҳои дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба танзим дароварда мешавад.

### §2. Қоидаҳои таҳия ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ

12. Ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ дар бланкҳои ягона тартиб дода мешаванд. Дар мавриде, ки агар маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо бо мактубҳои ҳамроҳӣ тартиб дода шаванд, он гоҳ ин ҳуҷҷатҳо дар бланкҳо ба расмият дароварда намешаванд. Истифодаи бланкҳои худсохт қатъиян манъ аст. Ҳуҷҷатҳо дар бланкҳои ду андоза: А4 (210 х 297мм) ва А5 (148 х 210мм) чоп карда мешаванд. Бланкҳои андозаи А5 танҳо барои мактубҳои ҳамроҳӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо аз 8-10 сатри чопи компютерӣ зиёд нест, истифода бурда мешавад. Шакли бланкҳои Дастгоҳи марказии ВҲИ (замимаи 1) ва Намояндагиҳои ВҲИ (замимаи 2) мувофиқи стандартҳои давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии бойгонӣ аз ҷониби ВҲИ тасдиқ карда мешаванд.

13. Ҳар як ҳуҷҷат бояд дорои маҷмӯи муайяни нишонаҳои (реквизитҳои) дақиқ ва тартиби устувори ҷойгиршавии онҳоро дошта бошад. Теъдоди ниҳоии нишонаҳо ва мавқеи ҷойгиршавии онҳоро стандарти давлатӣ муайян мекунад.

14. Тартиб ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо риояи ҳатмии талаботи зеринро пешбинӣ менамояд: нишон додани намуди ҳуҷҷат, номи мақомот ва сарлавҳаи ҳуҷҷат, гирандаи он, санагузории ҳуҷҷат, гузоштани қайдҳо оид ба мувофиқакунии матни ҳуҷҷат, тасдиқи ҳуҷҷат (имзо ва тасдиқ кардан, гузоштани қайдҳо оид ба гардиш ва иҷрои ҳуҷҷат, гузоштани муҳр (дар ҳолатҳои зарурӣ).

15. Дар мавриди ирсол намудани ҷавоб дар баробари қайди рақами содира-рақам ва таърихи ҳуҷҷатҳои воридотӣ низ зикр карда мешаванд. Замимаи ҳуҷҷатҳо бояд пас аз матни он бо зикри миқдори варақҳо номбар карда шаванд. Ҳуҷҷатҳо набояд зиёда аз шаш суроғаи гуногун дошта бошанд. Ҳангоми ба зиёда аз шаш суроға фиристодани ҳуҷҷатҳо барои ирсол дар варақи алоҳида рӯйхат тартиб дода мешавад.

16. Номгузории ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб мавҷуд бошад, масалан: ФАРМОН, ФАРМОИШ, ПРОТОКОЛ, ҚАРОР, ГУЗОРИШ ва ғайра (ин унсур бо ҳарфҳои калон навишта мешавад).

17. Ба ҳар як ҳуҷҷате, ки дар варақи андозаи А4 таҳия мешавад, новобаста аз таъиноти он, сарлавҳа тартиб дода мешавад. Сарлавҳа бояд мухтасар ва дақиқ буда, ба саволи «Дар бораи …», «Дар бораи тағйир додани ...», «Дар бораи ҷудо намудани ...», «Дар бораи бекор кардани ...» ва ғайра ҷавоб дошта бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври ҷамъбасткунанда тартиб додан мумкин аст. Дар барқияи телефонӣ, хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо дар бланкҳои андозаи А5 чоп карда мешавад, сарлавҳа гузошта намешавад. Сарлавҳаро тартибдиҳандаи ҳуҷҷат таҳия менамояд.

18. Ҳангоми омода ва ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин риоя шаванд:

– ҳуҷҷатҳо ба ташкилот, воҳиди сохтории он ё шахси мансабдори мушаххас ирсол карда мешаванд (воҳиди сохторӣ ё шахси мансабдор дар мукотибаи дохилиидоравӣ, мукотиба бо гирандагони доимӣ ва дар ҳолатҳои дигар, ки муайян намудани гирандаи дақиқ ягон душвориро ба амал намеорад, нишон дода мешавад);

– номи ташкилот ва воҳиди сохтори он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан: Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ

– ҳангоми ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахси мансабдор номи ташкилот, вазифа, насаб, ном, номи падари гиранда чунин навишта мешавад. Масалан: Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва

шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сардори Хадамоти муҳоҷират

________________________

насаб, ном, номи падар

– ҳангоми ба роҳбарияти ташкилот ирсол намудани ҳуҷҷат номи ташкилот бояд ба таркиби номи вазифавии гиранда ворид гардад.

Масалан: Ба вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон

________________________

насаб, ном, номи падар

– ҳангоми ба гирандагони муваққатӣ фиристодани ҳуҷҷат нишонии почтаи гирандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Масалан: Корхонаи таъмири автомобили Душанбе,
734018, Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ, № 15

– агар ҳуҷҷат ба шахси алоҳида ирсол карда шавад, он гоҳ аввал дар он суроға, насаб, ном, номи падар ва баъд индекси почта нишон дода мешавад.

Масалан:

734024,
ш. Турсунзода,
кӯчаи С. Айнӣ, бинои 15, утоқи 10
Ба Асрорзода Икром Валӣ

19. Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ё тасдиқ шудани он мебошад.

20. Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалан: 17 январи соли 2017) ва мухтасар (17.01.17). Шакли нисбатан мувофиқ ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии ба воситаи аломати нуқта ҷудо гардида, мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошанд, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» гузошта мешавад, масалан: агар 3 феврали соли 2017 бошад, пас 03.02.17 навиштан лозим аст.

21. Ҳамаи қайдҳои хизматӣ дар ҳуҷҷате, ки ба гардиши он вобаста аст, санагузорӣ ва бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Санаи қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳо, мактубҳо, хулосаҳо, гузоришҳо ва маълумотномаҳо рӯзи ба имзо расидани онҳо мебошад. Санаи протоколҳо, санадҳо санаи гузаронидани чорабинӣ ба шумор меравад.

22. Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби як шахс бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Ду ва ё зиёда имзоҳо дар сурате гузошта мешаванд, ки барои тасдиқи мазмуни ҳуҷҷат якчанд шахс масъул бошанд (санадҳо, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ғайра). Ҳуҷҷатҳои содира барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо таҳия гардидаанд, бо ҳуруфи намунаи муқарраршуда, чопи тоза, бидуни таҳриру ислоҳ пешниҳод карда мешаванд ва мутобиқи талаботи Дастурамали мазкур бояд аз ҷониби тартибдиҳандагон ба таври дақиқ тафтиш карда шаванд.

23. Мувофиқакунӣ усули баррасии пешакӣ ва баҳогузории лоиҳаи ҳуҷҷат мебошад. Мувофиқакунӣ ҳалли дуруст ва ҳаматарафаи масъалаҳои сифати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда, мақсаднокӣ ва саривақтии он, асоснокии сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникии мундариҷаи он, мувофиқати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро таъмин менамояд.

24. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ҳам дар дохили ташкилот (бо воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кумитаи иттифоқи касаба) ва ҳам берун аз он (бо дигар ташкилотҳо) мувофиқа карда мешаванд.

25. Шакли мувофиқакунии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат манзурӣ (виза) гузоштани он мебошад. Манзурӣ дар худ имзои шахсии хонои шахси ҳуҷҷатро имзокарда ва санаи онро дар бар мегирад. Ҳангоми зарурат вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси манзурӣ гузоштаро нишон додан мумкин аст.

Масалан: Сармуҳосиб имзо насаб, ном, номи падар
15.12.16

26. Эрод ё илова ба ҳуҷҷат, агар онҳо мавҷуд бошанд, дар варақи алоҳида оварда мешаванд, дар лоиҳаи ҳуҷҷат бошад, чунин манзурӣ гузошта мешавад:

Сармуҳосиб имзо насаб, ном, номи падар
Эродҳо замима мегарданд. 15.12.16

27. Чун қоида, манзуриҳо дар қисми поёнии нусхаи якуми лоиҳаи ҳуҷҷат баъди нишонаи «имзо» гузошта мешаванд. Агар ба ҳуҷҷат аз тарафи якчанд нафар манзурӣ гузошта шавад, дар он сурат манзуриҳо пайи ҳам мувофиқи тартиби гузоштани онҳо ҷойгир карда мешаванд.

28. Мувофиқаи берунӣ бо муҳр ё маълумотнома оид ба мувофиқакунӣ ба расмият дароварда мешавад.

29. Муҳри мувофиқакунии берунӣ дар худ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: калимаҳои «МУВОФИҚА ШУД», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахсе, ки бо он ҳуҷҷат мувофиқа мешавад ва санаи мувофиқа. Масалан:

МУВОФИҚА ШУД
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
________ ______________
имзо насаб, ном, номи падар
5 феврали соли 2017

ё Бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуд (мактуб аз 05.02.17, № 124-1).

30. Муҳри мувофиқаи беруна дар варақаи унвонии ҳуҷҷат гузошта мешавад.

31. Имзо унсури ҳатмии ҳуҷҷат мебошад, ки масъулияти шахси ба ҳуҷҷат имзогузоштаро нисбат ба мундариҷа ва қонунӣ будани он ифода менамояд.

32. Ба ҳуҷҷати ирсолшаванда ВҲИ имзо мегузорад. Дар ҳолати набудани ВҲИ, ба ҳуҷҷат муовини он имзо гузошта метавонад. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ ВҲИ ё шахси бо қонун ваколатдоршуда ва сармуҳосиб бо ранги кабуд имзо мегузорад.

33. Ҳуҷҷатҳои ба унвони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дигар кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ фиристодашаванда танҳо аз ҷониби Ваколатдор имзо карда мешаванд.

34. Дар ҳуҷҷат танҳо ба нусхаи якуми он бо ранги кабуд имзо гузошта мешавад. Ҳангоми ба унвони роҳбарони аввали мақомот ва ташкилоти давлатӣ ё ташкилоти хориҷӣ ирсол намудани ҳуҷҷат, дар парвандаи воҳиди дахлдори сохтории мақомоти ВҲИ мутобиқи феҳристи парвандаҳо нусхаи дуюм боқӣ монда, нусхаи аслӣ аз ҷониби бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба таври инфиродӣ фиристода мешавад. Дар ҳолатҳои бисёрсуроғавӣ бошад, ҳуҷҷатҳо ба суроғаҳо дар шакли нусха фиристода шуда, нусхаи аслии онҳо дар воҳидҳои сохтории мақомот ва ташкилоти давлатӣ тибқи феҳристи парвандаҳо нигоҳ дошта мешавад.

35. Ба таркиби имзо нишон додани мансаби шахси ба ҳуҷҷат имзогузошта, имзо ва насаб, ном, номи падар дохил мешаванд. Масалан:

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон имзо насаб, ном, номи падар

36. Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартиб дода, балки тақсимоти вазифаҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Насаб, ном, номи падари раиси

комиссия алоҳида навишта, ном, номи падари аъзои комиссия бошад, бо тартиби алифбоӣ номбар карда мешаванд. Масалан:

Раиси комиссия имзо насаб, ном, номи падар
Аъзои комиссия: имзо насаб, ном, номи падар
имзо насаб, ном, номи падар
ва ғайра.

37. Ба протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ раиси мақомоти машваратӣ имзо мегузорад.

38. Тасдиқ унсури махсуси тасдиқи ҳуҷҷат баъди имзо шудани он мебошад, ки интишори амали онро ба шахсони мансабдор иҷозат медиҳад.

39. Ҳуҷҷате, ки бояд тасдиқ шавад, танҳо аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд.

40. Ҳуҷҷатҳоро ВҲИ ё муовини ӯ, агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат дарҷгардида ба ваколати ӯ дохил шавад, тасдиқ менамояд.

41. Унсурҳои шакли тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ мекунам», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахси ҳуҷҷатро тасдиқкарда, санаи тасдиқ ба ҳисоб мераванд. Масалан:

Тасдиқ мекунам
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
_________ насаб, ном, номи падар
имзо
15 июли соли 2016

42. Ҳангоми бо санади ҳуқуқӣ тасдиқ кардани ҳуҷҷат, он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Бо фармони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
аз 5 майи соли 2016, № 10
тасдиқ шудааст

43. Ба ҳуҷҷатҳое, ки аслӣ будани онҳо тасдиқи махсусро талаб менамоянд, ба ғайр аз имзо, муҳр низ гузошта мешавад.

44. Муҳр ба ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти моддию молиявӣ, маълумотномаҳо, шаҳодатномаҳо, дафтарчаҳои меҳнатӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба дигар ҳуҷҷатҳо низ гузошта мешавад. Нақши муҳр бояд номгӯи вазифа ва имзои шахсиро дар бар гирад. Гузоштани муҳри нишондор дар ҳамаи ҳолатҳои тасдиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, тасдиқи масрафи маблағ ва арзишҳои моддӣ, ҳамчунин шартномаҳо ва эътимодномаҳо зарур аст. Муҳре, ки дар он номи мақомот ва ё воҳиди сохтории он сабт шудааст, дар нусхаҳои ҳуҷҷатҳои амрдиҳандаи ба дигар суроғаҳо фиристодашаванда гузошта мешавад. Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки бояд бо муҳри дорои нишони давлатӣ тасдиқ

карда шаванд, инчунин тартиби тайёр, истифода ва нигоҳдории муҳрҳо бо санади роҳбари мақомот тасдиқ карда мешавад.

## §3. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои тавассути таҷҳизоти компютерӣ омодашуда

45. Омода намудани ҳуҷҷатҳо бо усули чопи компютерӣ ё воситаҳои техникаи электронӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ мешавад.

46. Дар ҳуҷҷат ҳамаи нишонаҳо бояд дар доираи ҳудудҳое, ки варақа-намунаи стандарти давлатӣ муқаррар кардааст, ҷойгир карда шаванд.

47. Ҳангоми ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин ва андозаи ҳошияҳо ҳатман риоя шаванд:

– мактуб дар лифофа фиристода шавад;
– бо ҳуруфи Times New Roman Tj андозаи 16 ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи 14 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо пешниҳод шавад;
– саҳифабандӣ кардани ҳуҷҷатҳое, ки аз 1 саҳифа зиёданд;
– истифодаи ҳуруфи муқаррарӣ бе ҳарфҳои ғафс;
– меъёри ҳудуди бланк дар варақи чопӣ: аз боло 1,5 см; аз чап 2,5 см; аз поён, барои андозаи А4 - на камтар аз 4 см ва барои андозаи А5 - на камтар аз 1 см.

48. Матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуними байнисатрӣ чоп карда мешавад.

49. Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад.

50. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар баробари ҳуҷҷати ирсолшаванда шакли электронии он низ пешниҳод карда мешавад.

## §4. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани протоколҳо

51. Дар ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо ва маҷлисҳои гузаронидашаванда бояд протоколҳо мутобиқи шакли тасдиқнамудаи ВҲИ (замимаи 3) тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

52. Матни протокол бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо шумораи умумии иштирокчиён, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, насаб, ном, номи падари раис ва котиби маҷлис, бо номгӯи масъалаҳои

баррасишаванда, нишон додани вазифа ва насаб, ном, номи падари маърӯзачиён зикр карда мешавад.

53. Агар шумораи шахсони даъватшуда ба ҷаласаи мақоми машваратӣ, машварат, ҷаласа аз 5 нафар зиёд бошад, он гоҳ рӯйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи замимашаванда ба протокол тартиб дода мешавад.

54. Қисми асосии протоколи ҷаласаи мақомоти машваратӣ, машварат ва маҷлис бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзнома иборат бошад.

55. Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз таркибҳои: шунида шуд, баромад карданд, қарор кард, таркиб ёфта бошад.

56. Пас аз калимаҳои «ШУНИДА ШУД» рақами тартибии масъалаи рӯзнома гузошта мешавад.

57. Калимаҳои «ШУНИДА ШУД» бо ҳарфҳои калон, аз ҳошияи тарафи чап чоп карда шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад: дар сатри дигар бо сарсатр насаб, ном, номи падари маърӯзакунанда ва дар қавсайн (маърӯза замима мегардад) нишон дода мешавад.

58. Дар фасли «БАРОМАД КАРДАНД»-и протокол, мазмуни ҳамаи баромадҳо ва саволу ҷавоб ба онҳо ва маълумотҳо зикр карда мешаванд.

59. Баъди ба охир расидани баромадҳо қарор оид ба масъалаи якуми рӯзнома навишта мешавад.

60. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ ва машваратҳоро ба таври кӯтоҳ низ ба расмият даровардан мумкин аст.

61. Дар шакли кӯтоҳи протокол дар қисмати асосии он мазмуни баромадҳо баён нашуда, танҳо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда бо зикри насаб, ном, номи падари маърӯзачиён, баромадкунандагон ва қарорҳои қабулгардида нишон дода мешаванд.

62. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ дар бланкҳо чоп карда шуда, аз тарафи раиси мақоми машваратӣ имзо карда мешаванд, ба протоколҳои машваратҳо шахсе, ки онро гузаронидааст, имзо мегузорад, ба протоколҳои маҷлисҳо бошад, раис ва котиби он имзо мегузоранд.

## §5. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани фармон/фармоиш ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

63. Номи фармон/фармоиш ба таври мухтасар бояд мазмуни онро инъикос намуда, дар маркази варақаи фармон/фармоиш оварда мешавад (замимаҳои 4,5).

64. Матни фармон/фармоиш аз ду қисм иборат аст: муқарраротӣ ва амрдиҳӣ. Дар қисми муқарраротӣ асосҳо ва омилҳое, ки боиси таҳияи фармон/фармоиш гардидаанд, баён шуда, дар қисми амрӣ бошад, амалҳои фармонӣ/фармоишӣ номбар карда мешаванд. Агар фармон/фармоиш дар асоси ҳуҷҷати дахлдори мақоми болоӣ бароварда шавад, он гоҳ дар қисми муқарраротӣ ном, рақам, сана ва номи ин ҳуҷҷат оварда мешавад.

65. Қисми амрдиҳии фармон/фармоиш бо калимаҳои «ФАРМОН МЕДИҲАМ»/«ФАРМОИШ МЕДИҲАМ» оғоз ёфта, якҷоя бо матн бо ҳарфҳои калон навишта шуда, дар охири он аломати баён гузошта мешавад. Чорабиниҳои пешбинишуда, дар бандҳо ҷой дода мешаванд, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда мешаванд. Ҳар як бандро бо нишон додани иҷрокунандаи мушаххас оғоз намудан лозим аст. Сипас амалҳои фармонӣ/фармоишӣ баён гардида, муҳлати иҷро нишон дода мешавад.

66. Лоиҳаи фармон/фармоиш бо воҳидҳои сохторӣ ё шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа карда мешавад. Манзурии мувофиқа дар нусхаи якуми лоиҳа гузошта мешаванд. Ба лоиҳаи омодашудаи ниҳоӣ танҳо шахси мансабдоре, ки ба фармон/фармоиш имзо мегузорад, метавонад тағйирот ворид намуда, дар як вақт санаи онро гузорад.

67. Фармон/фармоишҳо дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

68. Таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз ҷониби воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи ВҲИ анҷом дода мешаванд.

69. Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ то қабул ё тасдиқи он бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда мешавад.

70. Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои қабул (тасдиқ) ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд, қаблан бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда мешаванд. Дар чунин ҳолат маҷмӯи ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– мактуби ирсолӣ;

– лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ;

– маълумотномаи асосноккунии зарурати қабули лоиҳа, номгӯи мақомот ва ташкилоте, ки лоиҳа бо онҳо мувофиқа гардидааст;

– хулосаи экспертҳо, ки дар натиҷаи экспертизаи мустақил тайёр шудаанд - ҳангоми зарурат;

– асоснокгардонии молиявию иқтисодии лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳангоми татбиқ шуданаш хароҷоти молиявиро талаб мекунад;

– дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба асосноккунии лоиҳа ё ба лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дахл доранд;

– хулосаи вазорату идораҳои дахлдор аз натиҷаи мувофиқа.

71. Баъди гирифтани пешниҳоду хулосаи вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шуда, дар ин бора ҷадвали баррасии пешниҳоду хулосаҳо тартиб дода мешавад.

72. Бо мақсади баррасии пешниҳоду хулосаҳои баҳсноки вазорату идораҳо дар назди ВҲИ бо даъвати намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласа доир карда мешавад. Масъулияти ташкил ва гузаронидани ҷаласа ба зиммаи воҳиди сохторие, ки лоиҳаро таҳия намудааст, супорида мешавад.

73. Тамоми лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври ҳатмӣ дар шӯъбаҳо ва бахшҳои Дастгоҳи ВҲИ мувофиқа карда мешаванд.

74. Матни лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ ҳатман аз ҷониби бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ҷиҳати мутобиқат ба талаботи коргузорӣ дар Дастгоҳи ВҲИ омӯхта мешаванд ва аз ҷониби мудири он манзурӣ (визагузорӣ) мегардад.

75. Сарлавҳаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо мазмуни асосии он мутобиқат намояд ва мухтасар бошад. Дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ номи пурраи вазорату идораҳо истифода бурда мешаванд.

76. Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби вазорату идораҳо таҳия гардида, барои баррасӣ ба ВҲИ пешниҳод карда шудаанд, баъди омӯзиш аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдор лоиҳаи хулосаи ВҲИ омода карда шуда, ҷиҳати имзо ба ВҲИ пешниҳод карда мешаванд. Хулоса дар 2 нусха тартиб дода шуда, нусхаи дуюм аз ҷониби роҳбари воҳиди сохтории масъул манзурӣ карда мешавад.

## §6. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани маълумотномаҳо ва гузоришҳо

77. Матни маълумотнома ва гузориш бояд аз ду қисми асосӣ иборат бошад. Дар қисми якум далелҳое, ки барои тартиб додани ҳуҷҷат асос шудаанд ва дар қисми дуюм хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

78. Сана ё давраи вақти мансуб ба маълумоти дар маълумотнома ё гузориш баёнгардида бояд ба сарлавҳа ворид карда шаванд.

Масалан: «Оид ба фаъолияти Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар семоҳаи якуми соли 2017».

79. Маълумотнома ва гузоришҳои содиротӣ дар бланкҳо чоп карда, аз тарафи роҳбарият имзо карда мешаванд. Маълумотнома ва гузоришҳои дохилӣ дар варақи тозаи коғази андозаи А4 чоп карда, аз тарафи мураттиби онҳо имзо карда мешаванд.

80. Маълумотномаҳое, ки бо дархости шаҳрвандон дода мешаванд, дар бланкҳо тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарият имзо ва бо муҳр тасдиқ карда мешаванд.

## §7. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани санадҳо

81. Матни санад бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва муқарраротӣ (замимаи 6).

82. Дар қисми муқаддимавӣ асосҳо барои тартиб додани санад нишон дода, тартибдиҳандагон ва иштирокчиён номбар карда мешаванд. Баъди калимаи «Асос» ҳуҷҷати амрдиҳӣ ё амри шифоҳӣ оид ба гузаронидани чорабинии санадшаванда нишон дода мешавад. Баъди калимаҳои «Тартиб дода шуд» вазифа ва насаб, ном, номи падари шахсони иштирокдошта ҳангоми тартиб додани санад номбар карда мешавад.

83. Дар қисми муқарраротӣ мақсад ва вазифаҳои тартиб додани санад, моҳият ва хусусияти кори анҷомдодашуда, далелҳои муқарраргардида, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

84. Номи санад ба таври мухтасар бояд мазмуни ҳолат ё далели санадшавандаро инъикос намуда, ҷавоб ба саволи «Дар бораи ….» ифода карда шавад.

85. Ба санад шахсони дар тартиб додани он иштирокдошта имзо мегузоранд. Ҳангоми ба расмият даровардани имзоҳо вазифаҳо нишон дода намешаванд.

86. Шахсе, ки дар тартиб додани санад иштирок кардааст, агар бо фикри дигар иштирокчиён розӣ набошад ҳам, санадро имзо мегузорад ва ҳуқуқ дорад ақидаи махсуси худро дар шакли хаттӣ баён кунад, ки он бояд ба санад замима карда шавад.

## §8. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани мактубҳои хизматӣ, барқияҳо ва барқияи телефонӣ

87. Мактубҳои хизматӣ барои баён намудани хоҳиш (дархост), ҷавоб ба хоҳиш, инчунин ахбори дорои хусусияти иттилоотӣ тартиб дода мешаванд.

88. Мактубҳои ҳамроҳӣ фақат дар он мавриде тартиб дода мешаванд, ки онҳо хусусияти иҷро ё мақсади ирсоли ҳуҷҷати пешниҳодшударо шарҳ диҳанд.

89. Матни мактуб бояд аз ду қисми мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд иборат бошад. Дар қисми аввал далел ё ҳолатҳое, ки барои тартиб додани мактуб асос шудаанд ва дар қисми дуюми он хулосаю пешниҳод ва хоҳишҳо баён карда мешаванд.

90. Мукотиба ба воситаи телеграф танҳо барои масъалаҳои хусусияти таъҷилидошта амалӣ мешавад. Ҳангоми ҷавоб ба дархост пеш аз матни барқия, рақами ин дархост нишон дода мешавад. Дар охири матн (то имзо) рақами содиротӣ гузошта мешавад.

91. Барқия дар ду нусха чоп карда, ба онҳо иҷрокунанда манзурӣ мегузорад. Барқия баъди имзо барои фиристодан ба воҳиди сохтории коргузорӣ супорида мешаванд.

92. Барқияи телефонӣ барои расонидани маълумот ба воситаи телефон истифода мешавад. Ҳангоми фиристодани барқияи телефонӣ: ба кӣ ирсол шудан, вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси ба он имзогузошта, сана ва вақти ирсол, рақами телефон, насаб, ном, номи падари шахси ирсолкунанда ва қабулкунанда нишон дода мешавад.

## §9. Кор бо ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ»

93. Ба ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» маводе дохил мешаванд, ки маълумоти ғайримахфии доираи истифодаашон маҳдуд дошта, интишори онҳо дар матбуот, барномаҳои радио ва телевизион манъ аст. Ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ», ки ба ВҲИ ворид мешаванд, дар бахши корҳои махсус ба қайд ва ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ҳангоми дар воҳидҳои сохтории ВҲИ таҳия ва ба расмият даровардани чунин ҳуҷҷатҳо, мӯҳри «Барои истифодаи хизматӣ» ва рақами нусха гузошта мешавад. Зарурати гузоштани муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» аз ҷониби иҷрокунанда ё роҳбаре, ки санадро имзо кардааст, муайян карда мешавад. ВҲИ, муовини ӯ ва Роҳбари Дастгоҳи ВҲИ ҳуқуқ доранд ба ҳуҷҷати қабулкардашаванда муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» гузоранд ё маълумоти дар ҳуҷҷат дарҷёфтаеро, ки ба номгӯи махсус дохил намешавад, хориҷ намоянд. Онҳо ба тобеони худ барои нусхабардорӣ кардани ин ҳуҷҷатҳо метавонанд иҷозат диҳанд.

94. Аз ҳуҷҷати «Барои истифодаи хизматӣ» дар асоси иҷозати махсус, ки онро ВҲИ имзо мегузорад ва дар он таърих, рақам, миқдори саҳифаҳо, шумора ва иҷрокунандаи ҳуҷҷат зикр мегардад, нусха

бардоштан мумкин аст. Баҳисобгирии нусхабардории ҳуҷҷатҳо вобаста ба ҳар як нусха анҷом дода мешавад. Ҳуҷҷати «Барои истифодаи хизматӣ» бояд дар ҷевонҳои оҳанин ва сейфҳои бо қулф маҳкамшаванда нигоҳ дошта шаванд.

95. Ба мундариҷаи ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» шинос намудани шахсоне, ки ба ин ҳуҷҷатҳо муносибати бевосита надоранд, манъ аст. Бидуни огоҳии ВҲИ нобуд кардани ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» иҷозат дода намешавад.

96. Кормандони мақомоти ВҲИ вазифадоранд, ки ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳои хизматӣ, қоидаи истифодаи онҳоро қатъиян риоя карда, нигоҳдории онҳоро таъмин намоянд ва ҳаддалимкон шумораи нусхаҳои зиёдкардашавандаро маҳдуд созанд.

97. Масъулини коргузории воҳидҳои сохтории мақомоти ВҲИ бояд дар ҷойи корӣ тартиботеро ҷорӣ намоянд, ки мувофиқи он ба утоқҳои хизматӣ имконияти даромадани шахсони ғайр, аз ҷониби онҳо истифода гардидани компютерҳо, мошинаҳои чопӣ, қоғазҳои чопию нусхабардорӣ ва телефонҳои хизматӣ вуҷуд надошта бошад.

## §10. Истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо, корҳои нусхабардорӣ, стенографӣ ва сабти магнитӣ

98. Дар ҷараёни кор бо ҳуҷҷатҳо дар мақомоти ВҲИ компютерҳо ва дигар воситаҳои техникаи замонавӣ истифода бурда мешаванд. Роҳбарии методии таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо истифодаи воситаҳои техникӣ бахши умумӣ ва хизмати давлатии Дастгоҳи ВҲИ анҷом медиҳад.

99. Бо мақсади истифодаи самараноки воситаҳои техникӣ дар Дастгоҳи ВҲИ оид ба омӯзиши воситаҳои техникӣ курсҳои таълимӣ ташкил карда мешаванд.

100. Чопи ҳуҷҷатҳоро ҳар як корманди мақомоти ВҲИ бо тартиби муқарраргардида анҷом медиҳад.

101. Корҳои стенографиро мутобиқи қоидаҳои муқарраргардида сармутахассиси бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ анҷом медиҳад. Ба роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи ВҲИ ҳуқуқ дода мешавад, ки тавассути бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ стенографистҳоро аз дигар ташкилот даъват намоянд.

102. Сабти магнитии чорабиниҳое, ки дар мақомоти ВҲИ баргузор мегарданд, аз ҷониби бахши умумӣ ва хизмати давлатии Дастгоҳи ВҲИ анҷом дода мешавад. Рамзхонии сабти чорабиниҳо дар мавриди зарурият бо иҷозати Ваколатдор ба ҷо оварда мешавад. Сабтҳои

магнитии ҷаласаҳо, дигар чорабиниҳо дар бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ бо тартибе, ки барои ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» муқаррар гардидааст, нигоҳ дошта мешаванд.

## 3. ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТ

### §1. Тартиби гардиш ва иҷрои ҳуҷҷатҳои воридотӣ

103. Қабул ва коркарди ибтидоии муросилоти воридотиро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба амал мебарорад.

104. Коркарди ибтидоии муросилоти воридотӣ аз санҷиши дурустии ирсол ва мавҷудияти ҳуҷҷатҳо, омода намудани муросилот барои фиристодан тибқи таъинот иборат аст.

105. Муросилоти саҳван воридшуда тибқи таъинот фиристода мешавад.

106. Ҳамаи лифофаҳо, ба истисnои муросилоти шахсӣ ва мактубҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ирсолшуда, кушода мешаванд. Ҳамзамон беосебии лифофаҳо ва миқдори ҳуҷҷатҳои мавҷуда дар онҳо санҷида мешавад. Дар сурати осеб ёфтани лифофаҳо, нарасидани ягон қисми ҳуҷҷатҳо, номутобиқатии рақамҳо дар лифофаи ҳуҷҷатҳо, тибқи намунаи муайянгардида дар се нусха санад тартиб дода мешавад. Як нусхаи санад дар Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм якҷоя бо ҳуҷҷатҳо мувофиқи таъинот ирсол мегардад ва нусхаи сеюм ба ирсолкунанда баргардонида мешавад. Лифофаҳо, чун қоида, нобуд карда мешаванд, ба истисnои ҳолатҳое, ки агар суроғаи ирсолкунанда ё санаи ирсол ва гирифтани ҳуҷҷатҳоро танҳо аз рӯйи лифофа муқаррар намудан мумкин бошад.

107. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридотӣ, ҳатто агар саҳифа пурра бо матн фаро гирифта шуда бошад ҳам, ҳатман дар қисми поёнии кунҷи рости вароқи якум муҳри бақайдгирӣ гузошта мешавад (замимаи 7). Ҳуҷҷатҳо дар рӯзи ворид шуданашон ба қайд гирифта мешаванд.

108. Ҳуҷҷатҳои бақайдгирифтанашаванда - ҳуҷҷатҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ва бо қайди «шахсан» воридгардида, бевосита тибқи таъинот фиристода мешаванд.

109. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди ба қайд гирифтани онҳо дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ (замимаи 8) барои баррасӣ ба роҳбарият фиристода мешаванд.

110. Ҳуҷҷатҳо бояд дар рӯзи ворид шуданашон барои баррасӣ ба роҳбарият пешниҳод шаванд. Барқияҳо, барқияи телефонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таъҷилӣ барои баррасӣ ва иҷро дар навбати аввал пешниҳод мешаванд.

111. Агар дар ҳуҷҷатҳои воридгардида ба дигар ҳуҷҷатҳо ишора шуда бошад, дар ин сурат он ҳуҷҷатҳо дарёфт карда, якҷоя бо ҳуҷҷатҳои воридгардида ё маълумотномаи дахлдор ба роҳбарият пешниҳод мешаванд.

112. Ҳуҷҷатҳои дар рӯзҳои ғайрикорӣ, истироҳат ва рӯзҳои ид воридгардидаро навбатдори мақомоти ВҲИ қабул намуда, ба роҳбарият гузориш медиҳад ва сипас онҳо ба Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ барои бақайдгирӣ супорида мешаванд.

113. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони ғайримасъул имзошуда, дорои матни носаҳеҳ ё реквизитҳои заруринадошта аз ҷониби Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба ирсолкунанда бо зикри асосҳо пас баргардонида мешаванд. Ҳуҷҷатҳое, ки беимзо мебошанд ё дар онҳо суроғаи шахси ирсолкарда нишон дода нашудааст, баррасӣ карда намешаванд.

114. Натиҷаҳои баррасӣ дар амрҳои хаттӣ инъикос меёбанд, ки дар қисми болои ҳуҷҷат, дигар ҷойи аз матн холӣ ва ё дар варақаи алоҳида гузошта мешаванд. Амри хаттӣ бояд дорои нишондодҳои возеҳ ва мукаммал оид ба тартиб ва хусусияти иҷрои ҳуҷҷатҳо ва иҷрокунандагон бошад.

115. Ҳуҷҷатҳо бояд дар муҳлати муқараргардида баррасӣ карда шаванд.

116. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди баррасии роҳбарият барои ба қайд гирифтани амри хаттӣ дар сутуни дахлдори дафтари муросилоти воридотӣ ба Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ баргардонида, тибқи таъинот фиристода мешаванд.

117. Шахсе, ки дар амри хаттӣ якум нишон дода шудааст, масъули иҷрои ҳуҷҷатҳо мебошад. Масъули иҷро ҳуқуқи даъват намудани ҳамиҷрочиёнро дорад.

118. Ҳамиҷрочиён уҳдадоранд, ки бо дархости масъули иҷро ба ӯ тамоми маводи заруриро пешниҳод намоянд. Ҳамиҷрочиён барои сари вақт ва хушсифат омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо масъулияти баробар доранд.

119. Ҳуҷҷатҳои иҷрогардида барои ба парванда дӯхтан ба он воҳидҳои сохторӣ ё кормандоне, ки парвандаҳоро аз рӯйи масъалаҳои дахлдор тибқи феҳристи парвандаҳо тартиб медиҳанд, баргардонида мешаванд.

### §2. Тартиби гардиши ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ дар рафти омода намудани онҳо

120. Иҷрокунанда то пешниҳоди ҳуҷҷати омодашуда барои имзо, бояд мундариҷа, дурустии ба расмият даровардани он ва мавҷудияти иловаҳоро санҷад. Ҳуҷҷат барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо омода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

121. Ҳуҷҷатҳои аз тарафи роҳбарият имзошуда барои бақайдгирӣ дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ (замимаи 9) ва дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ (замимаи 10) ва ирсол ба Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ баргардонида мешаванд.

122. Ҳуҷҷатҳо барои ирсол дар шакли пурра ба расмият даровардашуда супорида мешаванд. Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ дурустии ба расмият дароварда шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти иловаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишондодашударо санҷида, лифофаро ба расмият медарорад ва худи ҳамон рӯз ба мақоми дахлдори алоқа месупорад.

123. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар доираи дастгоҳи идоракунӣ омода, ба расмият дароварда, иҷро (истифода бурда) карда мешаванд.

124. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо баъди омода ва мувофиқакунӣ бо кормандони дахлдори ташкилот барои баррасӣ ё имзо ба роҳбарият пешниҳод мешаванд. Баъди имзои ҳуҷҷатҳои мазкур дар дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ ба қайд гирифта, барои иҷро равон карда мешаванд.

125. Гузоришҳо ба номи роҳбарият, маълумотномаҳо, маълумот ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти фаврӣ баъди баррасӣ ва иҷрои онҳо дар парвандаи дахлдор ҷойгир карда мешаванд.

## §3. Тартиби қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳо

126. Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дар ҳамаи марҳилаҳои гардиши худ бо гузоштани имзо амалӣ мешавад. Супоридани ҳуҷҷатҳо аз як воҳиди сохторӣ ба воҳиди сохтории дигар ё аз як корманд ба корманди дигар ҳатман тавассути Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ сурат гирифта, дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳо оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо қайд карда мешавад.

127. Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти ВҲИ вазифадоранд тамоми муросилоти марбут ба фаъолияташонро, ки Бахши умумӣ ва хизмати давлатии Дастгоҳи ВҲИ ба онҳо месупорад, қабул намоянд.

128. Дар воҳидҳои сохтории мақомоти ВҲИ коргузориро мутахассисони пешбар ва дигар кормандони мутассадӣ амалӣ мекунанд. Онҳо ҳуҷҷатҳоро бо гузоштани имзо дар дафтар ва ҳуҷҷатҳои дар назорат гузошташударо бо имзо намудан дар нусхаи якуми варақаи

назоратӣ, ки ба Бахши умумӣ барои нигоҳдорӣ дар картатекаҳо баргардонида мешаванд, қабул менамоянд. Мутахассиси пешбар мавҷудияти ҳуҷҷатҳо ва замимаҳои онҳоро муқоиса намуда, дар дафтари бақайдгирии маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳо сабт карда, нусхаи дуюми варақаҳои назоратиро ҷудо карда мегирад ва ҳуҷҷатҳоро бошад, фавран ба сардори шӯъба месупорад. Сардори шӯъба баъди баррасии ҳуҷҷатҳо ба иҷрокунандаи дахлдор супориш медиҳад. Мутахассиси пешбари шӯъба дар дафтари бақайдгирӣ ва варақаи назоратӣ супориши ӯро ворид намуда, ҳуҷҷатҳоро бо гирифтани имзо ба иҷрокунанда месупорад. Мутахассиси пешбари шӯъба барои пуррагӣ ва дурустии ворид намудани сабтҳо ба дафтар ва варақаҳои назоратӣ масъул мебошад.

129. Варақаҳои назоратӣ танҳо дар картатекаҳо нигоҳ дошта мешаванд ва дар дасти иҷрокунандагон якҷоя бо ҳуҷҷатҳо нигоҳ доштани онҳо манъ аст. Ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатро мутахассиси пешбар (маълумоти мухтасар дар бораи хотиррасониҳо, пурсишҳо, хулосаҳо, ҷавобҳо, маълумотномаҳо ва ғайраҳо) қайд мекунад. Сабт дар варақаҳо бо мошинҳои чопӣ ё бо ранг дақиқу фаҳмо дарҷ карда мешаванд. Бо қалам навиштан, ислоҳ кардан ва тоза кардани сабт мумкин нест. Агар сабт дар як варақа ҷой нагирад, ба он варақаи дуюм бо сабти «Давоми №_» илова карда мешавад.

Супоришҳо тибқи ҳуҷҷатҳое, ки роҳбари воҳиди сохторӣ таҳти назорат қарор додааст ва ҷараёни иҷрои онҳо дар сутунҳои дахлдори дафтари бақайдгирӣ сабт карда мешаванд.

Пас аз ҳалли пурраи масъалаи дар ҳуҷҷатҳо гузошташуда иҷрокунанда аз ин хусус ба сардори шӯъба гузориш дода мактубҳоро ба тартиб медарорад ва дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва варақаи назоратӣ чунин маълумотҳоро сабт мекунад: чӣ тавр, аз ҷониби кӣ, кай масъала ҳал карда шудааст ва сипас онҳоро бо сабти «Ба парвандаи №__» ба мутахассиси пешбари шӯъба месупорад.

130. Ҳуҷҷатҳои иҷрошуда ба парванда танҳо баъди гузориш ба роҳбаре, ки супориш додааст, дӯхта мешаванд.

131. Агар масъала ба таври шифоҳӣ ҳал шуда бошад, он гоҳ дар худи ҳуҷҷатҳо ва мутобиқан дар варақаи назоратӣ иҷрокунанда вазифа ва ному насаби шахсеро, ки бо ӯ сӯҳбат шудааст, мазмуни мухтасар ва таърихи ҳалли масъаларо менависад. Мутахассиси пешбари шӯъба ҳуҷҷатҳоро барои ба парванда дӯхтан қабул намуда, мавҷудияти онҳоро муқоиса карда, меомӯзад ва варақаи назоратиро бошад, дар картатекаи ҳуҷҷатҳои иҷрошуда мегузорад. Баъди иҷрои ҳуҷҷатҳо мутахассиси пешбар дар бораи аз назорат баровардани он тибқи тартиби муқарраршуда ба бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ хабар медиҳад.

132. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳи Ваколатдор хусусият ва сифати муросилоти воридшударо мунтазам таҳлил намуда, гардиши минбаъдаи онҳо ва тартиби ҳалли масъалаҳои мавҷударо дар доираи салоҳиятҳои худ муайян мекунанд ва ҷиҳати кам шудани гардиши ҳуҷҷат ва мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳо тадбирҳо меандешад.

## §4. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо

133. Ҳуҷҷатҳоро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба таври мутамарказ ба қайд мегирад. Ҳуҷҷатҳои дар замимаи 11 нишондодашуда ба қайд гирифта намешаванд.

134. Ҳар як ҳуҷҷат як маротиба ба қайд гирифта мешавад. Ҳуҷҷатҳои воридотӣ дар рӯзи ворид шуданашон, содиротӣ ва дохилӣ бошанд, дар рӯзи баимзорасӣ ба қайд гирифта мешаванд.

135. Ҳангоми бақайдгирии ҳуҷҷатҳо ба ҳар яки онҳо аломати шартӣ - шохис дода мешавад, ки он ҷои таҳия, иҷро ва нигоҳдории ҳуҷҷатро нишон медиҳад. Шохиси ҳуҷҷатҳои ворида ҳангоми бақайдгирии он дар бахши умумӣ аз рақами ирсолкунанда ва рақами тартибии бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ворида аз оғози сол иборат мебошад. Пас аз ворид шудани ҳуҷҷатҳо ба воҳиди сохторӣ ба ин шохис аз рӯи феҳристи парвандаҳо илова карда мешаванд. Рақамҳои содира аз шохиси шӯъба - иҷрокунанда, рақамҳои парванда мувофиқи феҳрист ва рақамҳои ҳуҷҷати ворида ё рақамҳои мушаххаси шӯъба иборатанд. Масалан:

№ 1/2 аз 05.01.17?　　　　　　　Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳисоботи солонаи муҳосибӣ барои соли 2016 ирсол мегардад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон имзо　　насаб, ном, номи падар

- дар ин ҷо 1 - рақами тартибии бақайдгирӣ, 2 - шохиси парванда аз рӯйи феҳрист мебошад.

136. Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дафтарҳои зерин истифода бурда мешаванд:

– дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ;
– дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ;
– дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ;
– дафтари бақайдгирии қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
– дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дафтарҳои бақайдгирии омории муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– дафтари бақайдгирии барқияҳои ҳукуматӣ;

– дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои баргардонидашуда.

137. Шохисҳои ҳуҷҷатҳои дастурӣ (фармонҳо, фармоишҳо, қарорҳо, амрҳо) ва протоколҳо аз ин қоида истисно мебошанд. Шохисҳои ҳуҷҷатҳои дастурӣ ва протоколҳо, мувофиқи рақамҳои бақайдгирии онҳо, ки дар ҳудуди ҳар як навъи ҳуҷҷатҳо мустақилона дода мешаванд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар шохиси ҳуҷҷати аз ҷониби якчанд воҳиди сохторӣ таҳияшуда (иҷрошуда) рақами воҳиди сохторие, ки барои ташкили иҷрои ҳуҷҷати мазкур масъул мебошад, зикр карда мешавад. Шохисҳои воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ таҳия гардида, аз ҷониби ВҲИ тасдиқ мешаванд.

138. Ҳуҷҷатҳои содиротиро дар шакли пурра шахси мутасаддии воҳиди сохторӣ ба расмият даровардa, дар дафтарҳои бақайдгирӣ сабт менамояд ва сипас онҳоро якҷоя бо нусхаҳояшон ба Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ месупорад. Муросилоти содиротӣ барои ирсол дар рӯзи ҷорӣ то соати 16:00 қабул карда мешаванд.

Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ дурустии ба расмият даровардa шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти замимаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишон додашударо санҷида, лифофаро ба расмият медарорад ва худи ҳамон рӯз ба хадамоти алоқа месупорад. Ба суроғаҳо нусхаи маводҳои замимагардида фиристода шуда, нусхаи аслии онҳо дар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи ВҲИ нигоҳ дошта мешаванд.

139. Ҳуҷҷатҳои ба масъалаи мушаххас дахлдошта дар парванда бо гурӯҳи ягона, яъне аввал санади ташаббусӣ, сипас бо пайдарҳамӣ аз рӯи таърихи содир шуданашон (хронологӣ) тамоми ҳуҷҷатҳои дигар, ки ба ҳамон масъала марбутанд, ҷой дода мешаванд.

140. Ҳуҷҷатҳои дастурӣ (фармону фармоишҳо ва ғайра) дар парванда аз рӯи навъашон ва таърихи содир шуданашон (хронологӣ) якҷоя бо замимаҳои ба онҳо мансуб ҷой дода мешаванд.

141. Протоколҳо дар парвандаҳо бевосита мутобиқи таърихи доир шудани ҷаласаҳо ва тибқи рақамҳои тартибӣ ҷой дода мешаванд.

## 4. ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ИҶРОИ ҲУҶҶАТҲО

142. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими давлатие, ки бояд иҷро карда шаванд, аз ҷумла қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, дархостҳо, супоришҳои мақомоти болоӣ ва фармону фармоишҳои ВҲИ таҳти назорат гирифта мешаванд.

143. Иҷрои ҳуҷҷатҳои нисбатан муҳими дохилӣ низ бояд назорат карда шавад.

144. Ба раванди иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳо буда, роҳбарият тавассути Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ва ё шахсони алоҳидаи масъул назорат мебарад.

145. Ба назорат гирифтани ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба тариқи кушодани варақаҳои назоратии шакли муқарраршудаи А5 андозааш 148х210мм тибқи замимаи 12 амалӣ карда мешавад.

146. Ҷиҳати ташкили назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба унвони воҳиди сохтории дахлдор варақаи назоратӣ дар ду нусха пур карда шуда, бо имзои мудири Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ё шахси мансабдори мутасаддӣ тасдиқ карда мешавад.

147. Дар варақаи назоратӣ дар бораи рафти иҷрои ҳуҷҷати назоратӣ тамоми маълумоти зарурӣ мухтасар инъикос карда мешавад.

148. Муҳлати иҷрои ҳуҷҷат аз лаҳзаи ба мақомот ворид шудани он ҳисоб карда мешавад.

149. Ҳуҷҷатҳо дар муҳлатҳои зерин иҷро (баррасӣ) карда мешаванд:

– қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – мувофиқи талаботи қонунгузорӣ;

– таҳияи санадҳои зерқонунӣ – тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

– дархостҳо ва мактубҳои узви Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ вобаста ба фаъолияти вакилии онҳо то як моҳ, агар омӯзиш ва санҷиши иловагиро талаб нанамоянд - бетаъхир;

– супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ – як моҳ ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

– супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ дар хусуси ба Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

пешниҳод намудани иттилоот, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводи зарурӣ дар муҳлати панҷ рӯз аз рӯзи қабул гардиданашон, агар муҳлати дигар нишон дода нашуда бошад;

– мактубҳо ва арзу шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»;

– қарорҳои ҳайати мушовара, мақомоти машваратӣ ва фармоишҳои роҳбари ташкилот - мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

– мактуб, дархостҳо ва супоришҳои ташкилотҳои болоӣ - то даҳ рӯз ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

– барқияҳои телефонӣ – мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда ё вобаста ба таъҷилӣ будани масъала.

150. Агар дар санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати иҷрои дастур, супориш, чорабинӣ, бандҳо ба таври мушаххас муайян нашуда бошад, пас дар варақаи назоратӣ вобаста ба муҳтавои супориш муҳлати назоратии иҷро дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад:

– фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа, нимсола ва солона;

– амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

– қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

– фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

– протоколҳои машваратҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

– протоколҳои маҷлисҳои Раёсат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

– протоколҳои маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар моҳ;

– барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва нақшаҳои чорабиниҳо - ҳар нимсола, солона;

– иҷрои нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд – ҳар нимсола, солона;

– иҷрои нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ду моҳ қабл аз моҳи нишондодашуда.

151. Бо мақсади дар сатҳи муносиб ташкил ва ҳамоҳанг намудани раванди назорати иҷро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ муҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратиро дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти болоӣ муайян намуда, дар варақаҳои назоратӣ нишон медиҳад.

152. Ҳуҷҷат ҳамон вакт иҷрогардида ҳисобида мешавад, ки тамоми масъалаҳои дар он ба миён гузоштащуда ҳал гарданд ва ба муаллиф ҷавоби саҳеҳ дода шавад. Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти ВҲИ вазифадоранд, ки бидуни таъхир ба Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ дар бораи гирифтани иҷозат оид ба тағйир додани мухлати иҷрои асноди назоратӣ ва аз назорат баровардани онҳо хабар диҳанд ва ҷиҳати ба варақаи назоратӣ ворид намудани қайдҳои зарурӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод намоянд.

153. Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ё шахсони алоҳидаи масъул оид ба вазъи интизоми иҷроия ва натиҷаҳои иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратшаванда охири ҳар ҳафта, моҳ ва семоҳа ба роҳбарият гузориш пешниҳод мекунад.

154. Дар асоси таҳлил барои тезонидани ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатҳо ва баланд бардоштани интизоми иҷроия, такмили ташкили назорат ва идоракунӣ дар маҷмӯъ дастуру пешниҳодҳо таҳия карда мешаванд.

## 5. ТАРТИБ ДОДАНИ ФЕҲРИСТ ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ ПАРВАНДАҲО

### §1. Тартиб додани феҳристи парвандаҳо

155. Ҳуҷҷатҳо баъди иҷрои (истифодаи) онҳо дар парвандаҳои иборат аз маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мансуб ба масъалаи муайян ва дар муқоваи алоҳида дӯхташуда гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

156. Бо мақсади дуруст ба тартиб даровардани парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи фаврии ҳуҷҷатҳоро аз рӯйи мазмун ва навъ таъмин мекунад, феҳристи парвандаҳо тартиб дода мешавад, ки он рӯйхати батанзимдаровардандаи номгӯи парвандаҳое мебошад, ки бо нишон додани мухлати нигаҳдории онҳо дар коргузорӣ ҷорӣ карда мешавад.

157. Феҳристи парвандаҳоро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ якҷоя бо дигар кормандони мақомот тартиб медиҳад. Феҳристи парвандаҳои тартибдодашуда бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа карда, аз тарафи роҳбарият тасдиқ ва аз 1 январи соли нав (замимаи 13) мавриди амал қарор дода мешавад.

158. Феҳристи тасдиқкардашуда дар давоми якчанд сол амал карда, дар мавриди тағйир ёфтани сохтори мақомот аз нав тартиб ва тасдиқ карда мешавад. Агар чунин тағйирот рӯй надиҳад, феҳристи парвандаҳо дар охири ҳар сол танҳо дақиқ ва аз нав чоп карда мешавад.

159. Ба феҳристи парвандаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳам дар дохили мақомот таҳия мешаванд ва ҳам аз берун ворид мегарданд, дохил карда мешаванд.

160. Ба феҳристи парвандаҳо нашрияҳои чопӣ, китобчаҳо, маълумотномаҳо, варақаҳо ва дигар нашрияҳои ба инҳо монанд ворид карда намешаванд.

161. Шохиси парвандаҳо дар феҳрист аз аломати воҳиди сохторӣ ва рақами тартибии парванда дар ҳудуди воҳиди сохторӣ ё самти фаъолият иборат аст.

162. Номи парвандаҳо аз рӯйи аҳамиятнокии ҳуҷҷатҳо, ки дар парванда ташкил шудааст, дар фаслҳои дахлдори феҳрист ҷойгир карда мешавад.

163. Номи парванда мазмун ва таркиби асосии ҳуҷҷатҳои парвандаро дар шакли возеҳ ва ҷамъбастӣ инъикос менамояд.

164. Номи парвандаҳо оид ба масъалаҳои дар давоми сол ҳалнагардида «гузаранда буда», бо ҳамон шохис ба феҳристи парвандаҳои солиояндаи мақомот гузаронида мешавад.

165. Агар дар давоми сол дар фаъолияти мақомот соҳаҳои нави корӣ ва корҳои пешбининашудае, ки бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд, ба вуҷуд омада бошанд, онҳо ба таври илова ба феҳристи парвандаҳо ворид карда мешаванд. Бо ин мақсад дар ҳар як фасли феҳрист рақамҳои эҳтиётӣ гузошта мешаванд.

166. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ дар охири феҳрист оид ба миқдори парвандаҳои ташкилкардашуда сабти ҷамъбастӣ карда мешавад (замимаи 14).

## §2. Ташкил намудани парвандаҳо

167. Ҳуҷҷатҳои иҷрошуда ва мутаносибан ба расмият даровардашуда гурӯҳбандӣ шуда, дар парванда ба тартиб дароварда мешаванд. Батартибдарории парвандаҳо тибқи феҳристи парвандаҳо дар воҳидҳои сохторӣ дар ҷойи иҷрои ҳуҷҷатҳо амалӣ мешавад.

168. Ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатӣ дар парвандаҳои алоҳида ҷой дода мешаванд.

169. Ҳангоми батартибдарории парвандаҳо қатъӣ риоя намудани ҳаҷм ва таркиби ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар ин парванда ҷой дода шавад, зарур аст. Ба парванда ворид намудани ҳуҷҷатҳои ба он мансубнабуда, инчунин сиёҳнависҳо, вариантҳо ва нусхаҳои зиёдшуда мумкин нест. Ҳар як парванда набояд аз 250 саҳифа зиёд бошад.

170. Ҳуҷҷатҳо дар дохили парванда аз рӯйи тартиби ҳалли масъалаҳо тибқи хронология ва шохисбандӣ ҷойгир карда мешаванд.

171. Фармонҳо/фармоишҳо оид ба ҳайати шахсӣ аз фармонҳо/фармоишҳо оид ба фаъолияти асосӣ ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

172. Нақшаҳо, ҳисоботҳо ва харҷномаҳо аз лоиҳаҳои ин ҳуҷҷатҳо ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

173. Ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ бо тартиби зерин ҷойгир карда мешаванд:

– рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаи шахсӣ мавҷуд аст;
– ариза дар бораи ба кор қабул кардан, роҳхат ё пешниҳод;
– пурсишнома, варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
– ҳолнома;
– ҳуҷҷатҳо оид ба маълумот;
– нусхаи фармонҳо/фармоишҳо оид ба таъйинот, аз ҷое ба ҷое гузаронидан, озод кардан ва дигар ҳуҷҷатҳо.

174. Варақаҳои шакли Т-2 (варақаи шахсии корманд – ҳуҷ ҷ ати ба як шакли муайян дароварда мебошад, ки дар асоси фармоиши роҳбари ташкилот дар бораи қабул ба кор, аз ҷониби кормандони ҳамаи соҳаҳо пур карда мешавад, ки намунаи он аз ҷониби мақомоти омор тасдиқ карда мешавад) аз рӯйи тартиби алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд.

175. Мукотибот дар парванда дар давраи соли тақвимӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

176. Дар парвандаи мукотибот ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни ҳалли масъала таҳияшуда ҷой дода мешаванд. Мукотибот бо пайдарҳамии хронологӣ мураттаб гардонида мешаванд: ҳуҷҷат-ҷавоб баъди ҳуҷҷат-дархост ҷойгир карда мешавад. Ҳангоми аз нав оғоз намудани мукотиба оид ба масъалаи муайян ҳуҷҷатҳо ба парвандаи соли ҷорӣ бо нишон додани шохиси парвандаи соли гузашта, ки дар он ҳуҷҷатҳо оид ба ин масъала нигоҳ дошта мешаванд, ворид карда мешаванд.

## 6. ОМОДА НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО БАРОИ НИГОҲДОРӢ, ИСТИФОДАБАРИИ МИНБАЪДА, ТАРТИБИ НОБУД СОХТАНИ ОНҲО

### §1. Ташхиси илмӣ ва амалии муҳимияти ҳуҷҷатҳо

177. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо ин муайян намудани аҳамиятнокии сиёсӣ, хоҷагии халқ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар аҳамияти ҳуҷҷатҳо бо мақсади ҷудо намудани онҳо барои нигоҳдории минбаъда ё нобудкунӣ мебошад.

178. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо аз тарафи кормандони воҳидҳои сохторӣ таҳти роҳбарии методии комиссияи ташхисии (КТ) доимоамалкунандаи мақомоти ВҲИ амалӣ мешавад.

179. Интихоби ҳуҷҷатҳо барои нобудкунӣ бо санади шакли муайян ба расмият даровarda мешавад (Замима 15). Санадҳоро комиссияи ташхисӣ баррасӣ намуда, ба онҳо раис ва аъзои ин комиссия имзо мегузоранд ва роҳбарият тасдиқ менамояд.

180. Ҳуҷҷат ва парвандаҳои ба санад воридкардашуда танҳо баъди аз тарафи мақомоти бойгонии давлатӣ тасдиқ кардани рӯйхатҳои парвандаҳои мухлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатии давраи дахлдор нест карда мешаванд.

## §2. Тартиб додани парвандаҳо

181. Дар оғози сол дар ҳар як воҳиди сохторӣ тибқи феҳристи парвандаҳо муқоваи парвандаҳои ташкилшаванда тартиб дода мешавад.

182. Тартиб додани парвандаҳо аз навиштани муқоваи парвандаҳо, ҷузъбандӣ, рақамгузории варақҳо ва таҳияи навиштаҷоти тасдиққунанда иборат аст.

183. Парвандаҳои мухлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат (аз 10 сол ва зиёда аз он) дар муқоваи сахт муқовабандӣ шуда, варақҳояшон рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар охири парвандаҳо дар саҳифаи алоҳида навиштаҷоти тасдиққунанда гузошта мешавад.

184. Парвандаҳои мухлати нигоҳдориашон муваққатӣ (то 10 соли пурра) ба таври оддӣ ба расмият даровarda мешаванд: онҳо муқовабандӣ, варақҳояш рақамгузорӣ, рӯйхати парвандаҳо тартиб дода намешавад ва баҳисобгирӣ аз рӯйи феҳристи парвандаҳо амалӣ мешавад.

185. Навиштаҷот дар муқоваи парвандаҳои мухлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат бояд ба таври возеҳ, бо ранги сиёҳи офтоббардор ё туши сиёҳ анҷом дода шаванд.

186. Оид ба масъалаҳои мураккаби вобаста ба расмият даровардани парвандаҳое, ки бояд ба нигоҳдории давлатӣ супорида шаванд, бо бойгонии давлатии дахлдор машварат намудан зарур аст.

## §3. Ба рӯйхат гирифтани ҳуҷҷатҳои мухлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат

187. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ аз рӯйи натиҷаҳои ташхиси гузаронидашудаи муҳимияти ҳуҷҷатҳо парвандаҳои мухлати нигоҳдориашон доимӣ ҷудо карда мешаванд, ки бояд ба рӯйхат дохил карда шаванд (замимаи 16).

188. Рӯйхат аз тарафи Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ бо ёрии методии бойгонии давлатии дахлдор тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳои

солонаи парвандаҳо бояд аз тарафи комиссияи ташхису тафтишотии (КТТ) мақомоти бойгонии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

189. Рӯйхатҳо ба парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ, дарозмуҳлат ва ҳайати шахсӣ алоҳида тартиб дода мешаванд.

190. Ҳар як парванда (ҷилд) тибқи рӯйхат рақами тартибии мустақил дорад. Парвандаҳо дар рӯйхатҳо аз рӯйи феҳристи парвандаҳо мураттаб гардонида мешаванд.

191. Дар мӯҳлатҳои муқарраргардида барои нигоҳдорӣ ба бойгонии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани маводи ҳуҷҷат ба зиммаи мудири бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ гузошта мешавад.

192. Мудири хоҷагӣ зимни қабули парвандаҳо дар ҳамаи нусхаҳои рӯйхатҳо бо зикри ҳатмии таърихи қабул ва миқдори парвандаҳои қабулгардида имзо мегузорад. Як нусха ба воҳиди сохтории марбута фиристода шуда, нусхаҳои дигар дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешаванд.

## §4. Таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳо

193. Барои ҳифзи ҳуҷҷатҳои мақомоти ВҲИ Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ масъул мебошанд.

194. Парвандаҳо аз лаҳзаи оғоз дар коргузорӣ то вақти супоридан ба бойгонии мақомот ё нобудкунӣ, дар утоқҳои корӣ, дар ҷевонҳои пӯшидашаванда ё ҳуҷраи махсус ҷудокардашуда нигоҳ дошта мешаванд.

195. Гирифтан ва додани нусхаи аслии ҳама гуна ҳуҷҷат аз парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ манъ аст. Дар ҳолатҳои истисно (масалан, бо талаби мақомоти судӣ-тафтишотӣ) гирифтани ҳуҷҷатҳо бо иҷозати роҳбарият, бо роҳи дар парванда ҳатман гузоштани нусхаи аслии тасдиққардашудаи ҳуҷҷати гирифташуда ва гузоштани санад оид ба гирифтани нусхаи аслӣ, ба амал бароварда мешавад.

## §5. Супоридани парвандаҳо ба бойгонии мақомоти ВҲИ

196. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории доимӣ ва дарозмуҳлат баъди як соли ба охир расидани онҳо дар коргузории воҳидҳои сохторӣ ба бойгонии мақомоти ВҲИ супорида мешаванд. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории муваққатӣ (то 10 сол) ба бойгонӣ супорида нашуда, дар воҳидҳои сохторӣ нигоҳ дошта мешаванд.

197. Бойгонии мақомоти ВҲИ парвандаҳоро аз рӯйи рӯйхат ё феҳристи парвандаҳо қабул менамояд.

198. Агар парвандаҳои алоҳидаро дар коргузорӣ барои кори ҷорӣ мондан зарур бошад, он гоҳ бойгонӣ барои ба истифодаи муваққатӣ додани онҳоро ба расмият медарорад. Ҳолатҳои гирифтану супоридани

парвандаҳо аз бойгонӣ дар дафтари махсус қайд карда мешаванд (замимаи 17).

### §6. Тартиби нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо

199. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои нобудшавандаро Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ якҷоя бо дигар кормандони мақомот тартиб медиҳад. Ҳамзамон, санади нобудсозии ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуда, бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа гардида, аз тарафи роҳбарият тасдиқ карда мешавад.

200. Нобудсозии ҳуҷҷатҳо бояд бо қоидаҳои зерин мувофиқат кунад:

– қонунӣ ба расмият даровардa шавад (санад оид ба нобудсозӣ);

– эътимоднок ва махфӣ бошад (аз байн бурдани имконияти азнавбарқароркунӣ);

– гирифтани иҷозати хаттӣ барои нобудсозӣ аз комиссияи ташхисии ташкилот;

– дар ҳузури комиссияи ташхисӣ гузаронида мешавад.

201. Танҳо ҳамон ҳуҷҷатҳое нобуд карда мешаванд, ки аз ташхиси муҳимияти ҳуҷҷат гузаштаанд ва онҳое, ки муҳлати нигоҳдориашон гузаштааст.

202. Тартиби асосии нобуд сохтани ҳуҷҷатҳои коғазӣ аз рӯйи дараҷаи махфият ин резакунӣ ё сӯзонидан мебошад.

203. Ҳангоми нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо берун аз ҳудуди мақомот интиқоли онҳо то ҷойи нобудсозӣ тавассути нақлиёти хизматӣ анҷом дода шуда, ҷиҳати ба шахсони бегона дастрасӣ пайдо накардан чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

## 7. ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ ТАҲИЯИ ҲУҶҶАТҲО, КОРҲОИ НУСХААФЗОӢ ВА САБТИ МАГНИТӢ

204. Дар ҷараёни кор бо ҳуҷҷатҳо дар мақомоти ВҲИ компютерҳо ва дигар воситаҳои техникии электронӣ, аз ҷумла аудиоӣ ва видеоӣ истифода бурда мешаванд. Роҳбарии методии таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо истифодаи воситаҳои техникӣ корманди масъули мақомот анҷом медиҳад.

205. Нусхаафзоии ҳуҷҷатҳо зери назорати қатъии роҳбари воҳиди сохторӣ анҷом дода мешавад. Нусхаафзоӣ намудани ҳуҷҷатҳои ғайрихизматӣ ва дорои муҳри махфӣ манъ аст.

206. Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ҷиҳати ҳифзи маълумоти ҳуҷҷатҳои нусхашуда, пешгирӣ намудани нусхаафзоии барзиёд ва ғайриқонунӣ, дастрас нагардидани нусхаи ҳуҷҷатҳо ба дигар шахсон, масъул мебошад.

207. Сабти магнитии чорабиниҳое, ки дар мақомоти ВҲИ баргузор мегарданд, аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори мақомоти ВҲИ анҷом дода мешавад. Сабтҳои магнитии ҷаласаҳо, дигар чорабиниҳо бо тартибе, ки барои ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» муқаррар гардидааст, нигоҳ дошта мешаванд.

208. Тартиби истифодаи компютерҳо, принтерҳо, сканерҳо, дастрасӣ ба захираҳои муштараки иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо аз истифодаи ғайриқонунӣ ба таври алоҳида муайян карда мешавад.

209. Ҳангоми ба кор қабул кардани корманд аз ҷониби корфармо донистани маҳорати амалии кор бо воситаҳои техникӣ санҷида мешавад.

**Замимаи 1**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ВАКОЛАТДОР
# ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к. Ҷ. Икромӣ-7. ☎ тел.: 2217989 / факс: 2217969. Email: info@ombudsman.tj. Web: www.ombudsman.tj

№ ____________ аз «_____» __________ соли 2017

# ВАКОЛАТДОР
# ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к. Ҷ. Икромӣ-7. ☎ тел.: 2217989 / факс: 2217969. Email: info@ombudsman.tj. Web: www.ombudsman.tj

№ _____________ аз «_____» ____________ соли 2017

Ба № ____________ аз «_____» __________ соли 2017

**Замимаи 2**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ВАКОЛАТДОР**
**ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## НАМОЯНДАГӢ ДАР ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

736000, шаҳри Хоруғ, к. Ленин - 25 ☎ тел: 83522-2-32-84
Email: khorug@ombudsman.tj URL: www. ombudsman.tj

**ВАКОЛАТДОР**
**ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## НАМОЯНДАГӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

735700, шаҳри Хуҷанд, к. Фирдавсӣ - 120 ☎ тел: 83422-6-28-68
Email: khujand@ombudsman.tj URL: www. ombudsman.tj

**ВАКОЛАТДОР**
**ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

## НАМОЯНДАГӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

735140, шаҳри Қурғонтеппа, к. Б.Ғафуров - 11 ☎ тел: 83222-2-79-32
Email: qurgonteppa@ombudsman.tj URL: www.ombudsman.tj

**Замимаи 3**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ПРОТОКОЛИ №____

______________________________________________________________

______________________________________________________________

**аз_____________ соли 2017 ш. Душанбе**

**Раисикунанда:**

**Мансаби шахси раисикунанда - ному насаб (номи падар)**

**Иштирок доштанд:**

**мансаби ишғолнамуда - ному насаб (номи падар)**

**Даъватшудагон:**

**мансаби ишғолнамуда - ному насаб (номи падар)**

## РӮЗНОМА:

1.____________________________________________________________________
2.____________________________________________________________________
3.____________________________________________________________________

## Р А Ф Т И Ҷ А Л А С А

**Кӯшодашавӣ ва сухани муқаддимавӣ.**

1. **ШУНИДА ШУД (масъалаи якум):**

**БАРОМАД КАРДАНД:**
**Қарор карда шуд:**

2. **ШУНИДА ШУД (масъалаи дуюм):**

**БАРОМАД КАРДАНД:**
**Қарор карда шуд:**

3. **ШУНИДА ШУД (масъалаи сеюм):**

**БАРОМАД КАРДАНД:**
**Қарор карда шуд:**

**Раисикунанда ______________ _________________**
**(имзо) (ном ва номи падар)**

**Котиб ______________ _________________**
**(имзо) (ном ва номи падар)**

**Замимаи 4**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАРМОНИ

## ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**№________________ аз « _______» ________________ соли 2017** **ш.Душанбе**

**Замимаи 5**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ФАРМОИШИ

## ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**№________________ аз « _______» ________________ соли 2017** **ш.Душанбе**

**Замимаи 6**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# САНАД

**Аз «          » _______________ соли 2017** **ш.Душанбе**
**(сана)**

**Дар асоси**_______________________________________________________________
**(номи санади меъёри ҳуқуқӣ, ки сабаби тартиб додани санади мазкур шуд (ё амри шифоҳӣ))**

**тартиб дода шуд аз ҷониби**_____________________________________________________
**(ному насаб ва мансаби ишғолнамуда)**

**дар он хусус, ки**_______________________________________________________________

**Ному насаби тартибдиҳандагон, имзо**

1.
2.
3.

**Замимаи 7**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Шакли муҳри бақайдгирӣ



**Замимаи 8**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ

| № р/т | Санаи воридшавии ҳуҷҷат | № ва шохиси ҳуҷҷати воридшуда | Ирсолку-нанда | Мазмуни мухтасар | Шумораи саҳифаҳо асосӣ/замима | Амри хаттӣ ё ба кӣ фиристода шудани ҳуҷҷат | Мухлати иҷрои ҳуҷҷат | Қайд дар бораи иҷро ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

**Замимаи 9**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ

| №<br>р/т | Сана ва шохиси ҳуҷҷат | Ирсолкунанда | Мазмуни мухтасар | Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст | Шумораи саҳифаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

**Замимаи 10**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ

| № р/т | Сана ва шохиси ҳуҷҷат | Ирсолкунанда | Мазмуни мухтасар | Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст | Шумораи саҳифаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

**Замимаи 11**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Р Ӯ Й Х А Т И
## ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи Бахши умумӣ ва хизмати давлатӣ ба қайд гирифта намешаванд

1. **Нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки барои маълумот фиристода шудаанд.**
2. **Барқияҳо ва мактубҳо дар бораи иҷозат додан ба сафарҳои хизматӣ ва рухсатӣ.**
3. **Маълумот дар бораи ҷаласаҳо, маҷлисҳои машваратӣ ва рӯзномаи маҷлис.**
4. **Ҷадвалҳо, нарядҳо, дархостҳо, тақсимбандиҳо.**
5. **Ахборе, ки барои маълумот фиристода шудаанд.**
6. **Нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо (нусхаҳо).**
7. **Огоҳномаҳои эълонӣ, овезаҳо, барномаҳои маҷлисҳои машваратӣ, конференсияҳо.**
8. **Номаҳои табрикотӣ ва даъватномаҳо.**
9. **Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ (бухгалтерӣ).**
10. **Нашрияҳои чопӣ (китобҳо, маҷаллаҳо, бюллетенҳо).**
11. **Ҳисоботи ҳармоҳа, семоҳа, нимсола.**
12. **Намунаҳои ҳисоботи оморӣ.**
13. **Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ.**
14. **Шаклҳои ҳисоботи оморӣ.**

**Замимаи 12**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ВАРАҚАИ НАЗОРАТӢ**

**Сана ва рақами воридшавӣ** ________________________________

**Навъи ҳуҷҷат**______________________________________________________________________
___________________________________________**дар**___**варақ**

**Муаллифи ҳуҷҷат, сана ва рақами мактуби эзоҳӣ** _____________
_______________________________________________________
__________________________________________________________________________________
____________________________

**Мазмуни мухтасар** ______________________________________________________________
__________________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________________

**Амри хаттӣ** ______________________________________________________________________
__________________________________________________________________________________
____________________________
__________________________________________________________________________________
____________________________

**Муаллифи амри хаттӣ** ____________________________________________________________
__________________________________________________________________________________
__________________________________________________________________________________

**Муҳлати иҷро то _________, санаи ба иҷро додан _____________**
**Иҷрокунанда ____________________________________________**

**Кайд дар бораи ҷавоби пешакӣ ё пурсиши иловагӣ ____________**
**________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**____________________________**

**Сана ва рақами иҷро ______________________________________________________________**
**__________________________________________________________**

**Ҷавоб ба кӣ ирсол гардид _______________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**____________________________**

**Мазмуни мухтасари мактуби ҷавобӣ ____________________________________________**
**_________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**____________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**____________________________**

**Аз назорат бардошта шуд _______________________________________________________**
**_________________________________________________________**
**(имзо) (ному насаби назоратчӣ)**

**Парвандаи №_________________, Ҷилди №________________, Саҳифаи ____________.**

**Маълумотҳои иловагӣ_________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**
**_____________________________________________________________________________________**

**Замимаи 13**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Шакли феҳристи парвандаҳои мақомоти ВҲИ:

Мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон — Тасдиқ мекунам

Феҳристи парвандаҳо барои соли _______ — Номи мансаби роҳбари мақомот
имзо — насаб, ном, номи падар
сана

______________________________________________________________

______________________________________________________________
(номгӯи воҳиди сохторӣ)

| Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилдҳо, қисмҳо) | Микдори парвандаҳо (ҷилдҳо, қисмҳо) | Муҳлати нигоҳдории парванда (ҷилд, қисм) ва рақами моддаҳо аз рӯйи Номгӯй | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Мудири бахши умумӣ
ва хизмати давлатӣ — имзо — насаб, ном, номи падар

сана

Манзурии мудири бойгонии идоравӣ
(Шахси масъули бойгонӣ)

Маъқул дониста шуд
Протоколи КТ

аз _____ № ___________

Мувофиқа шуд
Протоколи КТТ

аз _____ № ___________

**Замимаи 14**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Шакли қайди ҷамъбастӣ ба феҳристи парвандаҳои мақомот

Қайди ҷамъбастӣ оид ба гурӯҳҳо ва миқдори парвандаҳое, ки дар соли _______ дар мақомоти ВҲИ ташкил карда шудаанд

| Тибқи муҳлатҳои нигоҳдорӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Гузаранда | Бо аломати КТТ |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| | | | |
| | | | |

доимӣ

_______________________________________________

дарозмуддат (беш аз 10 сол)

_______________________________________________

муваққатӣ (то 10 соли пурра)

_______________________________________________

ҶАМЪ:

Мудири Бахши умумӣ
ва хизмати давлатӣ имзо насаб, ном, номи падар

Сана

Маълумотҳои ҷамъбастӣ ба бойгонии идоравӣ супорида шудаанд

Номи мансаби шахсе, ки
маълумотҳоро фиристодааст имзо насаб, ном, номи падар

Сана

**Замимаи 15**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Тасдиқ мекунам**
**Раиси Комиссияи ташхисии баррасии номгӯи парвандаҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**

________________________________
**(сана ва имзо ҳарфи аввали ном ва насаб)**

**САНАД**

**«_____ »_________________с.20_____ №_________**

**Комиссияи ташхисии баррасии номгӯи парвандаҳои мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

____________________________________________________________
____________________________________________________________
________________________, **ташкил ёфтааст, масъалаи нобуд сохтани парвандаҳои (ҳуҷҷатҳо) дар ҳамин санад нишондодашударо баррасӣ намуд.**

**Комиссия имконпазир мешуморад, ки ҳуҷҷатҳои мазкур бо тартиби муқарраргардида нобуд карда шаванд.**

| № | Сана ва парванда, ҳуҷҷат | Ном ва рақами парванда (ҳуҷҷат) | Адад | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |

**Ҷамъи парвандаҳо (ҳуҷҷатҳо)** ______________________________________
______________________________________________________
**(бо рақам ва ҳарфҳо)**

**Аъзои комиссия:**

________________________________
**( имзо ҳарфи аввали ном ва насаб)**

________________________________
**( имзо ҳарфи аввали ном ва насаб)**

________________________________
**( имзо ҳарфи аввали ном ва насаб)**

**Замимаи 16**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## Рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ

Тасдиқ мекунам
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

имзо насаб, ном, номи падар
сана

Фонд № _______

Рӯйхати № _______
парвандаҳои муҳлати
нигоҳдориашон доимӣ
барои соли _________

_______________________________________________________________

(номи мақомот ё воҳиди сохтории он)

| р/т | Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилд, қисм) | Санаи парванда (ҷилд, қисм) | Миқдори варақҳо дар парванда (ҷилд, қисм) | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Ба ин фасли рӯйхат ________________________________________ парванда
(бо рақам ва ҳарфҳо)

аз № _____ то № _____________, аз ҷумла:

рақамҳои литерӣ:
рақамҳои партофташуда:
ворид карда шудааст.
Номи вазифаи
тартибдиҳандаи рӯйхат имзо насаб, ном, номи падар

Мудири бойгонии мақомот имзо насаб, ном, номи падар

Бо протоколи КТ мақомот
аз _____№________
маъқул дониста шуд.

Бо протоколи КТТ
мақомоти бойгонӣ
аз _______ №_________
тасдиқ шудааст

**Замимаи 17**
**ба Дастурамали коргузорӣ**
**дар мақомоти Ваколатдор**
**оид ба ҳуқуқи инсон дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАФТАР
## барои гирифтани парвандаҳо аз бойгонии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

---

| № | Номи парванда, ҷилд ва ё қисм | Ба кӣ ва кай дода шудааст, имзои мутассадӣ | Шумораи варақҳо | Санаи баргардонидан | Имзои мудири бойгонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |